«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор
________ Хушвахтзода Қ. Х.
«____» ___11____2023с.

Хулосаи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

доир ба диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров омода гаштааст. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 19.12.2018, суратмаҷлиси №5 тасдиқ гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна ҳамчун унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳисоб мерафт. Номбурда аз соли 2018 то имрӯз ба ҳайси сарнозири шуъбаи дипломи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият менамояд. Соли 2011 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ҳодибоев Фаридун Абдуалиевич мебошад.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 10 июни соли 2023 таҳти рақами №79 дода шудааст.

Кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа дар асоси баромади муқарризон ва муҳокимаи аъзои кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи Мамадҷонова М. Д. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳаммияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуда, масъалаҳои оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистониро мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертатсия бо методологияи дурусти илмӣ таҳия гардида, дорои арзиши баланди илмию методологӣ мебошад.

Мафҳумҳои асосии таҳқиқот - оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои оилавӣ, никоҳ, арзишҳо, ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи тоҷикистонӣ ва ғ. муфассал ва тавассути методологияи дурусти илмӣ таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсия, муаллиф аз методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлил ва таҷрид, таҳлили муқоисавӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият, методи диалектикӣ, равишҳои институтсионалӣ ва синергетикӣ ба таври васеъ истифода намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур муайянсозии нақши ниҳоди оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, аз ҷумла фарҳанги оиладорӣ дар даврони муосир ва таҳти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ қарор гирифтани он мебошад

Муаллиф дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои

тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ниҳоди оила ва нақши он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дода, натиҷаҳои ба дастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявии ниҳоди оила ва дар ин замина таҳкими пояҳои давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро дар таҳияи консепсияи рушди оила, татбиқи амалии тадбирҳо оид ба таъмини устувории он, метавон истифода намуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуқтаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

– пешниҳод шудааст, ки тибқи он оила яке аз навъҳои танзими самарабахши иҷтимоӣ, нишондиҳандаи устуворӣ ва пойдории низоми муносибатҳои муосири иҷтимоӣ, асоси ягонагии иҷтимоии ҷомеа муайян шудааст;

– хусусияти дугонаи танзими иҷтимоии оила - институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ муқаррар шудааст, ки дар натиҷаи онҳо дар ҳар як организми мушаххаси иҷтимоӣ иерархияи арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои худи оила ва ҷомеа ба вуҷуд меояд;

– хусусиятҳои дигаргуншавии оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ муайян карда шудааст, ки дар натиҷаи алоқамандӣ бо тафаккури суннатӣ, хусусияти зиддиятноки арзишҳои нав, ки мазмуни онҳо ҳамчун маҳсули эклектикии номутобиқатии дохилии тамоюлҳои барқароркунӣ, навсозӣ ва устувории оила дар шароити ҷаҳоншавии олам ташаккул меёбад, ба вуҷуд меоянд;

– бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки заминаҳо ва омилҳое, ки садди роҳи рушди ниҳоди оила дар Тоҷикистон мегарданд, мавриди

таҳлили илмӣ қарор гирифта, таъсири манфии онҳо ба сохтори ичтимоии ҷомеа нишон дода шавад;

– дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷуда дар ростои ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани он дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ муайян карда шудаанд

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро низ метавон дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ намуда, онҳоро барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафаи ичтимоӣ, фарҳангшиносӣ, ахлоқ ва зебоишиносӣ, сотсиология инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ- методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи иҷтимоӣ ва сотсиология тавсия намуд.

Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни фалсафаи иҷтимоии тоҷик низ истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**

1. **Ҳодибоев, Ф.А., Мамадҷонова, М.Д.** Ифротгароӣ: шеваҳои муосир ва муфиди мубориза [Матн] / Ф.А.Ҳодибоев, М.Д.Мамадҷонова [Матн] // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе: “Дониш”. 2023. № 1 (270). –С. 73-78. ISSN 2791 – 2639.

2. **Мамадҷонова, М.Д**. Таъсири анъанаҳои фарҳанги оиладорӣ ба оилаҳои ҷавон дар давраи гузариш аз сотсиализм ба иқтисодиёти бозоргонӣ (Дар мисоли омодакунии хӯрокҳои суннатӣ) // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С.48-54. ISSN 2076-2569.

3. **Мамадҷонова, М.Д**. Таъсири зиддиятҳои иҷтимоӣ дар солҳои 90-ум ба оилаҳои ҷавон // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С.131-138. ISSN 2710-4672.

4. **Мамадҷонова, М.Д.** Таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №8. – С.193-197. ISSN 2074-1847.

5. **Мамадҷонова, М.Д.** Фарҳанги хонаводагӣ: заминаҳо ва марҳилаҳои аслии танзими он дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С.202-208. ISSN 2074-1847.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, мавзуи мубрами ҷомеаи муосири тоҷикистониро интихоб, мақсад ва вазифаҳоро муайян, объек ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурусти илмӣ мушаххас намояд. Ҳамчунин, маводи зиёди илмиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Муаллифи диссертатсия мафҳум ва моҳияти «оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ» ва "арзишҳои иҷтимоӣ"-ро дар шакли мушаххас баррасӣ намуда, аҳаммияти онро дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва мақоми он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии аъзои ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон, диди навро аз нигоҳи илми муосир бо мақсади ошкор сохтани тағйироти дар моҳияти он бавуҷудомада ва паёмадҳои онро барои ҷомеаи муосири мо, ки то ҳол нишонаҳои асосии ҷомеаи анъанавиро нигоҳ доштааст, бо маҳорати баланди илмӣ таҳлил намудааст.

Номи мавзӯъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи

ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро инъиткос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ кори мустақилона ва анҷомёфта буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-29 тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 18 ноябри соли 2023 қабул гардид.

Дар маҷлис 11 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 11 нафар; зид нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №4/1 аз 18. 11. 2023.

Мудири кафедраи онтология ва
назарияи маърифати факултети
фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент Ҳаитов Ф.Қ.

Котиб, муаллими калон Калонзода Ф.И.

Имзои Ҳаитов Ф.Қ
ва Калонзода Ф.И-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.